**КАРИМҶОН ҚОДИРОВ**

# МИРСАЙИД АЛИИ ҲАМАДОНӢ: ИРФОН ВА ШЕЪР

**Душанбе**
**«Адиб»**
**2011**

ББК 84 Тоҷик 7-5
Қ–35

Муҳаррир *Мирзо Кинҷа*

Қ–35 **Қодиров К. – Мирсайид Алии Ҳамадонӣ:** ирфон ва шеър – Душанбе, «Адиб», 2011, 32 саҳ.

Дар ин китоб мавзӯи шинохту дарёфти Ҳақ, ки дар ашъори Мирсайид Али Ҳамадонӣ бо забону ифодаҳои ирфонӣ баён гардидааст, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шудааст.

ISBN 978-99947-2-077-4

© Каримҷон Қодиров, 2011

# ШИНОХТ ВА ДАРЁФТИ ҲАҚ

Дар ирфон барои ноил шудан ба «ҳол», ки онро раҳмати илоҳӣ мешумориданд, аҳамияти бузург дода мешуд. Аз ин рӯ кӯшиш ба харҷ медоданд, ки ба василаи «ҳол» бирасанд. Барҷастатарин васоил ва авомили ирфон шеър аст, ки мавриди таваҷҷӯҳи бузургони ирфон қарор гирифтааст. Пешвоёни ирфон ба мавзӯи «муҳаббат» ва «ишқ» пардохтанд ва шеърро дар ривоҷи он ба дараҷаи комил расониданд. Вақте ки орифон ба мавзӯи «муҳаббат» ва «ишқ» пардохтанд, шеър нақши муҳимтареро дар ин мавзӯъ гирифт ва ирфон такомул ёфт. Ирфон дар таҳаввулот ва такомули шеър низ нақши муҳим доштааст. Орифи аҳли дил ва соҳибзавқ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ пайваста дар фазои хаёлот ва эҳсосот шеъри хешро тавонист бо беҳтарин зебоӣ эҷод кунад. Шеъри ирфонии ӯ бо шуру шавқ асбоби муҳим дар пешрафти ирфон гашт. Дар ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ миёни шеър ва ирфон робитаи муштараки маънавӣ бамиён омад, ки ин Худошиносӣ аст. Дар ин робита, дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мафҳум, истилоҳоту луғатҳо ба вуҷуд омаданд. Истилоҳоти истифодакардаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳар кадом маънои ирфонӣ дошта ба маънии махсус истеъмол карда шудаанд, зеро ӯ он мафҳумҳои зебои ирфониро, ки манзури назар дошт, ба мардум ошно сохт. Худи ӯ низ мақсаду манзураш аз он луғат ва истилоҳот хирадмандона сухан гуфтан буд, то ин ки дар гуфтаҳои хеш калимоти маъмули толибон ва соликонро қарор диҳад:

*Ҳар он ҷон, к-аз ғамаш бар вай рақам нест,*
*Надимаш дар ду олам ҷуз надам нест.*
*Диле, к-аз дарди ӯ дармон насозад,*
*Вуҷуди ӯ ба маънӣ ҷуз адам нест.*
*Саре, к-аз сирри маънӣ бохабар шуд,*
*Дар ӯ гунҷоиши шодию ғам нест.*

*Ҷаҳон аз акси рӯяш гашта равшан,*
*Агар он гаҳ набинад, ҳеҷ ғам нест,*
*Ту марҳам нестӣ маҳрум аз онӣ,*
*Раҳи номаҳрамон андар ҳарам нест.*
*Ҳиҷоби туст ин ҳастии мавҳум,*
*Ки ҳаргиз нур бо зулмат ба ҳам нест.*
*Чу дар дарёи ваҳдат гум нагаштӣ,*
*Аз онат дурри ирфон дар шикам нест.*
*Агар фонӣ шавӣ дар баҳри тавҳид,*
*Аён бинӣ, ки он ҷо кайфу кам нест.*
*Чу боз аз чашми ҳиммат бастӣ аз кулл,*
*Мақарри иззи ту ҷуз дасти Ҷам нест.*
*Ба ҷуз ҳиммат наёбад роҳи мақсуд,*
*Ҳумои ҳиммат он ҷо муттаҳам нест.*
*Алӣ, чун ҳиммати олӣ надорӣ,*
*Туро коме зи кӯяш лоҷарам нест.*[1]

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар қарни сездаҳуми милодӣ рӯҳияи ирфониро дар шеър рушд дод, ки баъдҳо орифони бузург мисли муаллифи рисолаи «Мастурот» Ҳайдари Бадахшӣ, Мавлоно Ҷаъфари Бадахшӣ, Қивомуддини Бадахшӣ, Хоҷа Исҳоқи Хатлонӣ, Хоҷа Ҳусайни Хатлонӣ ва дигарон таронаҳо ба манзур ва усули «ҳол» эҷод карданд ва нахустин орифони хиттаи хатлонӣ ҳастанд, ки назариёти сӯфиёнаи худро ба суруди ишқу муҳаббати илоҳӣ суруданд. Шогирдон ва пайравони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ барои мо ашъор ва таронаҳое гуфтанд, ки танҳо дар Қуръону ҳадисоҳо мавриди таваҷҷӯҳ буд. Шеър ва онҳо ба баёни онҳо дар муноҷот ба даргоҳи Худованд ба сурати ғазал ва тарона аҳволи обидон ва зоҳидонро тараннум кардааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ чунин мегӯяд:

*Эй зи хубон ҳамагӣ орази моҳат асбаҳ,*
*Зи намакдони лабат ҳусни накӯён амлаҳ.*

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.45.

*Чист қавсайни ду абрӯи ту? Меҳроби суҷуд,*
*Маҳи ид аст, ки хам гашта ва ё қавси кузаҳ.*
*Мусҳафи рӯи ту аз сархати эъҷоз саҳеҳ,*
*Сафҳаи синаат аз нашраҳи оёт асаҳ.*
*Дили ҳар мондадилеро зи хиёли ту сурур,*
*Дами мотамзадаро ёди висоли ту фараҳ.*
*Ба маҷомеъ шумор хулқи ҷамилат мазкур,*
*Адади хулқи ту дар ҳалқаи малкут сабаҳ.*
*Ями илмат ки муҳитест саросар амвоҷ,*
*Ба лаби ташналабон қатрае з-он карда рашаҳ.*
*Набувад дар сафи маҳшар, чу нагирӣ моро,*
*Дигаре ҳамчу ман андар амалу чеҳра фатаҳ.*
*Падару модари ақлу ҷасаду рӯҳи равон,*
*Ба фидои қадамат ноқасавори абтаҳ.*
*Синаи Ҳоҷӣ, ки барбаста чу матнест матин,*
*Шореҳи садр туӣ қул рабби ё садр уш-шараҳ.*[1]

Намунаи бисёреро аз ин гуна ашъори ирфонии Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ метавон мушоҳида кард, ки маърифати илоҳиро тасвир кардааст ва ҳар қадар ба «ваҳдати вуҷуд» наздик гардидааст. Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ сабки хоси ирфонӣ дорад, ки ба худ машҳур аст ва ҳадафу мақсадаш ишқу муҳаббат ба Худо аст. Дар ашъори ӯ, агар кӯҳу дашту даман, гиряи абр ва хандаи гул, осмон ва хуршед ва моҳу ситора ишора шуда ё рӯи зебои маҳваш ситоиш ёфта бошад, ишороти ирфонианд, вориди қалбанд ва бояд ба ботини онҳо таваҷҷӯҳ кард.

Ғазал ва рубоиёти Мирсайид Алии Ҳамадонӣ лутф ва зебоӣ, маънӣ ва вижагиҳо дорад, аз амиқтарин ашъори орифона аст. Дар чилу як ғазал ва нӯҳ рубоӣ, ки аз худ боқӣ гузоштааст, бо илми ирфон ва завқ ба Худо навишта шудаанд. Дар ин ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ истилоҳоти ирфонӣ фаслу шарҳ дода шудаанд:

---

[1] Ҳоҷӣ Ҳусайни Хатлонӣ. Куллиёт (Виростор ва сомондиҳандаи матн Чиллазодаи Теҳрайӣ ва Амирхуҷа Абдураҳимӣ), саҳ.99.

*Арбоби завқ дар ғами ӯ орамидаанд,*
*В-аз шодиву наими ду олам рамидаанд.*
*Ҳурони хулдро ба пашизе намехаранд,*
*То аз мисоли ҳусни ту рамзе шунидаанд.*
*Полудаи шиканҷаи ишқанд аз он сабаб.*
*З-олудагӣ ҷифаи дунё буридаанд,*
*Мурғони ишқро ба ду кавн илтифот нест.*
*Чун дар фазои шавқи ту рӯзе паридаанд,*
*Аз завқи хонақоҳи сувар, хирқаи вуҷуд,*
*Бар торуми ҳазоири қудсӣ кашидаанд.*
*Аз нози ёру меҳнати ағёр фориғанд,*
*Чун дар сародикоти ҷалолат расидаанд.*
*Дар маҷлиси шуҳуд нишаста мулуквор,*
*Завқе зи ҷоми унс ба сад ҷон харидаанд.*
*Бар бӯи меҳри туст, Алоӣ, раҳини ғам,*
*Ин давлат аз ғазал ба ғилаш дардамидаанд.*[1]

Ғазалиёт ва рубоиёти Мирсайид Алии Ҳамадонӣ адёни равшангарӣ ва пурмаъни дар бар дорад, ҷаҳд ва шӯри ғаноӣ дорад. Шеъри ғаноии ӯ маҳмили беҳтар барои эҳсоси ирфонӣ аст. Дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мавзӯи ваҳдати вуҷуд, вуҷуди Ҳақ мавқеи хос дорад:

*Қиблаи дил офтоби рӯи ӯст,*
*Каъбаи ҷон хоки роҳи кӯи ӯст.*
*Чун зи зулфаш гашт олам мушкбӯй,*
*Дӯстии ину он бар бӯи ӯст.*
*Куфру дину нури зулмот дар ҷаҳон,*
*Аз рухи моҳи шаби гесӯи ӯст.*[2]

Таносуби ваҳдату касрат, пайдоиши маротиби вуҷуд аз зоти воҳид, ки пероҳани нафиси шеъри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст, мавзӯи табдили ваҳдатро ба касрат ифода кардааст ва касратро аксу сояи ваҳдат мепиндорад:

---

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.47.
[2] Хамон ҷо, саҳ.35.

*Аз нафаҳоти қидам ҳазрати асмо кушуд,*
*В-аз насимоти карам сурати ашё намуд.*
*Меҳри муҳаббат наҳод бар дили аҳли яқин,*
*Доғи иродат кашид бар рухи габру ҷуҳуд.*
*Хоки сари кӯи ӯ шоҳу гадову амир,*
*Оинаи рӯи ӯ кавну макони вуҷуд.*[1]

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ зимни баёни падидаи мушкилписанди таҷаллӣ, мавзӯи бозгашт аз касрат ба ваҳдат ва шинохту васлрро таҳрезӣ мекунад. Дар тайи ин раҳи гуногунмақом мавзӯи асосӣ раҳоии руҳиётро аз моддиёт медонад ва дар ғазали «Водии асрор» навиштааст:

*Гар насими водии асрор хоҳӣ, тан гудоз,*
*В-ар таҷаллии ҷамоли ёр хоҳӣ, ҷон бибоз.*
*Тан ту зиндон асту ҷонат банди роҳи ҷони ҷон,*
*Ҷони ҷон гар боядат, бо банду бо зиндон масоз.*
*Ҳар чи ғайри ӯст душман дон ту андар роҳи ӯ,*
*Дар ҳузури душманон бо дӯст натвон гуфт роз.*
*Шеваи риндони ин даргоҳ ҷонбозӣ бувад,*
*Чун ту ин бозӣ надорӣ дар раҳи ӯ кач мабоз.*
*Пеши борони балои дӯст ҳар к-ӯ сар ниҳод,*
*Бар фарози торами улвӣ кунандаш сарфароз.*
*Тоату зӯҳду риёиро бар он дар қадр нест,*
*Тӯҳфае он ҷо наёбад кас беҳ аз сӯзу гудоз.*
*Бо ғами ишқаш ту аз лаззати ҷисмонӣ мағӯӣ,*
*Бо вуҷуди равзаи ризвон ту аз гулхан маноз.*
*Файзе аз руҳалқудус гар хоҳӣ андар сирри ҷон,*
*Маркаби ҳирсу ҳаворо дар паи ғулон матоз.*
*Чатри рифъат бар сари кайвон Алоӣ баркашӣ,*
*Чашми ҳиммат гар аз ин дунон ту бардӯзӣ чу боз.*[2]

Дар ирфони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ чизе, ки

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ.35.
[2] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.53.

ҳамеша талошу таҷзияу муқовимат мекунад, ишқ аст. Ин ба торҳои дил ҳам задааст. Ишқи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ гиёҳест, ки таъсири шомили он ба зебоӣ ва ҳақиқат якдаста шудааст ва маҳзури Ҳақ аст. Ишқ фарогири ҷазбу рушд ва тавлиди ҳама таҷаллиёти гуногун ашақа аст:

*Дарди ишқат, ки давои дили шӯридаи мост,*
*Як сари мӯй аз он ҳар ду ҷаҳон ними баҳост.*
*Аз сафои ғами ту ба бесаронро чи хабар,*
*Қадри ин тӯҳфа касе донад, ки аҳли сафост.*[1]

Дар ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мавзӯи дарёфту шинохти Ҳақ ғолибан бо забону ифодаҳои ирфонӣ баён мегарданд. Дар шеъри ӯ истилоҳоти ишқ, ошиқон, кӯй, зулф, ҳусн, оташи ҷон, домони ҳиммат, тири ниёз, тири ишқ, абри ҷон, пои рифъат, бӯи ғам ифодаи ишқи ирфонианд. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар пайравии Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ навиштааст:

*Аз канори хеш меёбам дамодам бӯи ёр,*
*З-он басе гирам ба ҳар дам хештанро дар канор.*
*Чун миёнашро каноре нест, з-он дар ҳайратам,*
*К-он чунон нозукмиёне нест доим дар канор.*
*Не миёнашро каноре, не канорамро миён,*
*В-аз миёни оташи ишқаш намеёбам канор.*
*Бар канор аст, он ки савдои миёнаш дар сар аст,*
*Аз миёни он хӯрад ҳар к-ӯ бад-ӯ шуд бар канор.*
*Нест касро аз миёнаш ҷуз канор андар ду кавн,*
*Аз миёни инчунин давлат касе ҷӯяд канор.*
*Аз каноре гар Алӣ будӣ миёнаш ёфтӣ,*
*Дар хаёли он миён аз хеш гаштӣ боканор.*

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ишқро ҷамоли Худо медонад ва ҳар он чизе, ки дар олам зоҳири зебоист партавгузори он Худост ва пайвандаш бо Худо ҳамчунин пайванди нури офтоб бо офтоб аст. Ишқ яке

---

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.36.

аз усули иттиҳод ва фаност. Ин ишқ ба манзалаи мабдаи ҳаёт аст. Ишқ ба манзалаи шавқ ва толиби ҷовидонагӣ дар мушкилоти гуногун аз тариқи тавлиду офаринишҳо ба фано расидани бақо аст:

*Биё дар ишқ маҳрам бош, зеро,*
*Раҳи номаҳрамон андар ҳарам нест.*
*Ту дарёи ҳамчун қатра аз дарё ҷудоӣ,*
*Аз онат дурри ирфон дар шикам нест.*
*Намеёрӣ ба баҳр андохт худро,*
*Туро гавҳаро лоҷарам нест.*
*Ба дарёи фано андоз худро,*
*Ки он ҷо сурати лову наам нест.*[1]

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки барои шинохти Ҳақ ба ақл назари эътиқод дорад ва ақлро ҳамчун дурахши зиндагӣ, неруи олии ҷазб ва беҳтарин асли рушангарӣ медонад. Ишқ ба манзалаи нерӯи кайҳонӣ ва таъсири шомили он ақл ва ба манзалаи ҳаракате ба сӯи зебоӣ, ки бо хайру ҳақиқат як даста шудааст, маҳзури камол ва висоли олист. Ишқ ба манзалаи майли зоти фард ба ҷовидонагӣ аст. Ишқ дар назари Мирсайид Алии Ҳамадонӣ фарогирӣ, ҷазб, рушд ва тавлиди ҳама таҷаллиёт аст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мафҳуми ишқро бо забони дигар баён мекунад. Ӯ мегӯяд, ки ҷамоли тамоми ишқ ёди Худост ва ҳар он чизе, ки дар олами зоҳир зебоист танҳо партавгузорӣ аз ҷамоли ёди Худост ва пайвандаш бо Худо ҳамчун пайванди нури офтоб аст ва бо офтоб аст. Ҷон дар сӯзи ишқи ӯ манзил мекунад ва кӯр аз дидани ҷалолу ҷамолаш бино мешавад. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ғазали «Оинаи ҷамол» менависад:

*Сайри ҳумон ишқаш боло бувад ҳамеша,*
*Зилли ҷалоли ҳукмаш бар мо бувад ҳамеша.*

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.37.

*Чун маснади ҷалолаш дилҳои бедилон аст,*
*Бас шоҳбози ҳуснаш бо мо бувад ҳамеша.*
*Бӯе зи хоки кӯяш бар ҷони ҳар ки ояд,*
*Анфоси мушкбораш бӯё бувад ҳамеша.*
*В-он ки амои ғафлат пӯшид чашми сирраш,*
*Хатти вай аз мусаммо асмо бувад ҳамеша.*
*Оинаи ҷамолаш чун нури маърифат шуд,*
*Сирри сафои ориф зебо бувад ҳамеша.*
*Ҷоне, ки сӯзи ишқаш манзил кунад замоне,*
*Лаззоти ҷовидонӣ он ҷо бувад ҳамеша.*
*Ҳар к-ӯ надид рӯяш, кури ду олам омад,*
*В-онро, ки дида шуд ӯ бино бувад ҳамеша.*
*Савдоии висолаш шайдон анҷуман шуд,*
*Дар офтоб зарра пайдо бувад ҳамеша.*
*Бар даргаҳаш Алоӣ аз мову ман гузар кун,*
*Зеро ки базми айшаш бе мо бувад ҳамеша.*[1]

Ишқи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ як навъи биниши олам ва маншаю мабдаи ҳаёт аст. Ин ишқ ба манзалаи шавқу талаби ҷовидонагӣ дар мушкилотҳои гуногун, мисли тавлиду офаринишҳо, фикру амали шуҷоатона, ҳидояту саодати мақбулону масъудон аст:

*Зи акси рӯи ту ёбанд мақбулон ҳидоятҳо,*
*Зи хоки кӯи ту бинанд масъудон саодатҳо.*
*Ту он анфоси раҳмонӣ, ки ҷонҳо аз дамат ёбанд,*
*Ту он дарёи ғуфронӣ, ки мешӯяд хиҷолатҳо.*
*Қабоҳатҳои феъли мо, ки саг з-он шарм медорад,*
*Ба ғайр аз пардаи авфат, ки пӯшад он қабоҳатҳо.*
*Иноятҳои беиллат, ки бо ҳар муфлисе дорӣ,*
*Тасалло медиҳад дилро умеди он иноятҳо.*
*Ҳимоятҳои фазл овард ҷонро аз адам берун,*
*Дигар раҳ чашм медорад фазилат аз ҳимоятҳо.*
*Ҳумои лутф агар як дам назар бар ҳолам андозад,*
*Сари ҳар мӯи ман ёбад аз он давлати кароматҳо.*
*Зи ҳуснат ҳар касе ҳар дам ҳадисе дигар оғозад,*

---

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.58-59.

*Рухат гар ҷилвае созад, намонад ин ҳикоятҳо.*
*Уқули қудсиён чун шуд, ки андар ҳар хами зулфат,*
*Зи муште хокиён он ҷо чӣ санҷад ин мақолатҳо.*
*Алоӣ домани ҳиммат агар аз худ барафшонӣ,*
*Расӣ дар оламе, к-он ҷо набошад ин малолатҳо.*[1]

Ашъори ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки мавзӯаш ишқ ба Ҳақ, тавсифи ҷамол ва ҷалоли холиқ аст, бо луғоти хат, хол, чашм, зулф, май ва маъшуқ разми ирфониро баён медорад ва ҷаззобу ваҷҳовар, пурмаънӣ, шурангез, оромбахш, мояи таъолӣ, рӯҳ ва саёри одами дар саҳрои ҷон ва илми маънию ҳақиқат аст:

*Ҳар саҳаргоҳ бӯи лутфаш ҷон ба боло мекашад,*
*Сурати мавҳумро хат дар ману мо мекашад.*
*Соя дар хуршед гум мегардад, эй симурғи фазл,*
*Золи зорафтодаро аз тия савдо мекашад.*
*Ҷон хиромон мешавад дар ҳавдаҷи ғайби яқин,*
*Ҳотифи иззат дил аз чоҳи таманно мекашад.*
*Дасти ғайрат гулхан аз ғулони нафсӣ карда пок,*
*Рахти дил бар гулшани ин сақфи хазро мекашад.*
*Чун ҳиҷоби мосиво аз дидаи дил дур шуд,*
*Шабнам аз саҳрои касрат сӯи дарё мекашад.*
*Ҷузви кулҷуёни хоки кӯи он олимақом,*
*Ҳар ки ёбад накҳате азамаш ба ақсо мекашад.*
*Ҳар ки дар кӯи ваҳдат ҷони худро сохт завқ,*
*Рояти иззу шараф то бар сурайё мекашад.*
*Абри рӯяш чун нисори файзи раҳмат мекунад,*
*Хокиёни хастаро дар саффи аъло мекашад.*
*Зубдаи асрори кавну нақди меъёри вуҷуд,*
*Дар ниҳоди пайкари хокӣ аз он ҷо мекашад.*
*Чун Алоӣ сайди анқои ҷалолаш гашт аз он,*
*Бар замираш доғи ашколи муаммо мекашад.*[2]

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.42.
[2] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ. 46

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар рисолаи «Машориб ул-азвоқ» завқи баланди ирфониро масти баландтар аз фаҳмиши инсонӣ медонад ва дар пораи шеърие ба байти Ҳофиз «Шароби талх меховам, ки мардафкан бувад зўраш» майи ваҳдатро сабабгори беҳушии ориф медонад:

*Эй соқӣ, аз он май, ки дилу дини ман аст,*
*Беҳушам кун, ки мастӣ эмини ман аст.*
*Нафрини ту хуштар аз дуъои дигарон,*
*Зеро ки дуъои ғайр нафрини ман аст.*[1]

Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шахсро ба худшиносию Худошиносӣ даъват менамояд ва таъкид мекунад, ки ҳар диле, ки тоқати ғунҷоиши ишқи илоҳиро дорад дар худ маслаку роёи ростро ҷой медиҳад:

*Диле, к-ӯ аз ғами ишқаш сари мӯе хабар бошад,*
*Зи ташрифи балои дӯст бар вай сад асар бошад.*
*Гадоеро, ки бо султони беҳамто бувад савдо,*
*Дилаш пайваста решу айш талху дида тар бошад.*[2]

Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мутмаъин ба Қуръон аст, онро роҳнамои худ дар зиндагӣ ва эҷод гирифтааст. Аз ҷумла дар як ғазали маъруф мегӯяд:

*Дар ишқи рӯи ӯ ҳудусу қидам мабин,*
*Гар солики раҳи ту вуҷуду адам мабин.*
*Мардона бигзар аз аҷалу аз абад тамом,*
*Сирри азал бихону ту лавҳу қалам мабин.*
*Аз партави ҷамоли ҳақиқӣ бисӯз пок,*
*Гум гард дар фанову дигар бешу кам мабин.*
*Ҳар ҳусн як рақам зи китоби ҷамоли ӯст,*
*Дар дафтари ҷамол ту гум шав, рақам мабин.*[3]

---

1 Ҳамон ҷо, саҳ.46.
2 Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Чиҳил асрор. Теҳрон, соли 1997 м., саҳ.86.
3 Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуввум, саҳ.141.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ меъёрот ва дастурҳои шеъри ирфониро арзёбӣ мекунад, аз имон ва бовар моя гирифта, аз дили зинда ба ёди Худо нишот кардааст. Ҳама шеъри ирфонии ӯ ёд ва зикри хидмати Худоро инъикос медиҳад:

*Субҳи васлат дамад аз машриқи рӯят рӯзе,*
*Ҷон зи баҳрат шавад андар сари мӯят рӯзе.*
*Нури хуршеди умедам, ки фуру шуд ба ғамат,*
*Ҳам баромад зи раҳам матлаби рӯят рӯзе.*[1]

Шеъри ирфонии ӯ паёми возеҳ дорад, ҳадаф ва ҷиҳатан собит ва равшан аст. Шеъраш дар води ҳасрат саргардон набуда, бо зиндагӣ, амали инсон сару кор дорад. Аслан, ки ӯ сӯфии подилу покбоз буд дар шеъри ирфонии хеш мақсади ислоҳталабона ва роҳнамоии дигар накардааст. Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ сарфи хаёлпардозиҳо набуда, дар самти пурарзиши мушаххас аст ва дар маҳалли маърифат фурӯд омадааст. Ӯ салтанати қоимро дар маърифат медонад:

*Ҳаст доим салтанат дар маърифат,*
*Ҷаҳд кун, то ҳосил ояд ин сифат.*
*Ҳар ки масти олами ирфон бувад,*
*Бар ҳама халқи ҷаҳон султон бувад.*[2]

Дар ашъори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ истилоҳотҳои субҳи васл, кӯйи шавқ, хоки дар, теғи ишқ, банди фармон, ғамзаи маст, роҳи ишқ, чашми умед, камони абрӯ, дари лутф, шамъи дил ва монанди инҳо мавриди истифода қарор ёфтаанд, ки маънии ирфонӣ доранд:

*Субҳи васлат дамад аз машриқи рӯят рӯзе,*
*Ҷон зи баҳрат шавад андар сари мӯят рӯзе.*[1]

---

[1] Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода), саҳ.13.
[2] Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода), саҳ.33.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ вожаҳои ирфониро ба истифодаи Қуръон ва Аҳодиси набавӣ ишора кардааст:

*Дил баргирифта аз ин хокдон чу Ҳизр,*
*То раҳ ба сӯйи чашмаи ҳайвон ҳамебаранд.*[2]

Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шеъри муъмин аст. Дар хидмати мардум осори мардумро дар ҳар банди шеъраш, бо ранге, ки суфия дар маҷолис риндҳо чашму абру, зулф ва хату холи нигорро ситоиш мекунад, порсух медиҳад. Шеъре ки ҳадафи равшан ва мақсадро дунбола мекунад, дар хидмати ормонҳои мардум аст, хати мустақим ва равшан барои расидан ба ин ормонҳо дар ҷилави махотиби худ тарсим мекунад, шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст:

*То нагардӣ марди соҳибдард ту,*
*Дар сафи мардон наоӣ мард ту.*
*Ҳарчӣ аз гардуни гардон мерасад,*
*Аз туфайли ҷони мардон мерасад.* [3]

Шеъре, ки мардум эҳсос мекунад, шеъре, ки дар водиҳои гуногун нуқта дорад, шеъре, ки моро аз як водӣ ба водии дигар мебарад ва шеъре ки фароз ва нишебҳои парвоз дорад, шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст. Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳадафаш он аст, ки мардум ба сӯи ҳадафи хосе раҳнамоӣ мекунад, ба хаму печҳо, ба олами ормонҳо бозгӯи мекунад. Ба пурсишҳо ва роҳравҳо посух медиҳад, нигарониҳоро марфух месозад. Таронаест, ки гомҳои устувор дорад, ки ба қалб нерӯ медиҳад. Ҳадафи шеъри ӯ дараҷоти маърифати Худоро мавриди баҳс қарор додан аст:

---

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Чиҳил асрор. – Кашмир, соли 1987 м., саҳ.13.
[2] Ҳамон ҷо, саҳ.53.
[3] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Маснавии «Ҳафт водӣ». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.70.

*Эй он, ки ҳудусу қидамат ӯст ҳама,*
*Сармояи шодиву ғамат ӯст ҳама.*
*Ту дида надорӣ, ки ба худ дарнигарӣ,*
*Варна зи сират то қадамат ӯст ҳама.*[1]

Шеъри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ зиндагии амали мардум аст. Тарҷумони шеъраш Қуръон аст. Шоирест, ки коргоҳ ва зиндагии мардумро амали дили худ медонад. Шеъри ӯ роҳнамои дили мардум аст.

*Нафси ноқис бахил хоҳад буд,*
*Дар саховат залил хоҳад буд.*
*Гар таваккул кунад сафо ёбад,*
*В-арна доим алил хоҳад буд.*[2]

Ӯ ҳамвора дар шеъраш ба ёди Худо аст, забонаш ҳамеша ба ёди Худо тар аст, дили ӯ бо ёди Худо метабад. Шеъри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз дили зикраш бархоста ва агар касеро ситоиш медиҳад Худост, агар ба касе изҳори муҳаббат дорад Худост, агар ба касе тамъ ва умед дорад Худост. Худоро announcements

мееписандад

харобот аст, ки дар саҳифаи он дар фарҳанги Қуръон акси соқӣ ва нигор, масту махмур, соқии ориён, пироҳани чок ва гесуи дароз ғаммозӣ мекунад. Ин навъ шеър, шеъри ориф аст, тавчеҳи орифона дорад дорад ва мурод аз ситоаши май, санам, майкада, ҷому нигор, соқи сафед ва хилвату бӯса чизи дигар аст:

*Эй соқӣ, аз он май, ки дилу дини ман аст,*
*Беҳушам кун, ки мастӣ эмини ман аст.*
*Нафрини ту хуштар зи дуъои дигарон,*
*Зеро, ки дуъои ғайр нафрини ман аст.*[1]

Манзури Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз соқӣ, пири муғон ва санам ёру нигор Худо ва Паёмбар аст. Муроди ӯ аз май ва ҷом, хилват ва бӯса, лутф ва иноят ёри ҳақиқӣ аст. Нигорро дар оғӯш кашидан ва лабҳояшро бӯсидан, яъне ба «васл» расидан ба дидори маҳбуби ҳақиқӣ ноил шудан аст:

*Субҳи васлат дамад аз машриқи рӯят рӯзе,*
*Ҷон зи баҳрат шавад андар сари мӯят рӯзе.*
*Нури хуршеди умедам, ки фурӯ шуд зи ғамат,*
*Ҳам баромад зи раҳи матлаи кӯят рӯзе.*
*Дил, ки ӯ карда ба лутф аст, ба хун мегардад,*
*То ки бӯе расадаш аз гули рӯят рӯзе.*[2]

Ин аст услуби ирфонӣ, бо истифода аз Қуръон, ҳадис ва гуфтори саҳҳоба, ки навъи баёни шеъри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аз калимоти риндҳои харобот барои баёни муҳаббат ба Худо ва Паёмбар истилоҳот меҷӯяд.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар шеъри ирфонӣ Худоро аз номҳое мехонад, ки шону азамати ӯро таъйин месозад. Ӯ бо садои нарм ва тавъам Худоро ниёиш медиҳад, яъне ниёиш дар боргоҳи шеъри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ

---

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. «Машориб-ул-азвоқ». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуввум, саҳ.145.

[2] Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода), саҳ.13.

одоби хоси худро дорад. Истилоҳи «суруд», «ваҷд», «мастӣ», «май» аз мазоҳири шеъри ирфонии ӯст. Дар шеъри ӯ ҳолати «мастӣ» аз шуҳуд, яъне аз олами аҳодат ва ҳузур ҳосил мешавад. Мастӣ, роҳнамои «мастӣ» дар фарҳанги Қуръон суроғ дорад, на ба солик дар роҳи «вусул». Истилоҳи «мастӣ» масти Худо будан аст ва симои динро зеботар сохтан аст:

*Нақди ҳаёт хоҳӣ, ҷон кун фидои ҷонон,*
*К-ин аст дар роҳи ишқ оини меҳрубонон.*
*Мастони ҷони шавқат бар бӯи лутф ҳар шом,*
*Бар даргаҳи ҷалолаш оянд ҷонфишонон.*[1]

Дар шеър ибрози ақидаи ӯ «дини Худо»-ро комил ва зеботар сохтан аст. Ба тарош ва харош ва хату хол «дини Худо»-ро такмил кардан аст. Шеъри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шуру мастии шароб, навои мутриб ва чангу руборро эҷод мекунад, баръакс бо истифодаи истилоҳоти оёти илоҳӣ шеъри хешро меафзояд. Шеъри ӯ тиловати оёти илоҳӣ ва ҳосили ӯ аз ин тиловат «таваккул» ва эътимоди бештар бар Худо аст.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ иртиқои маънавӣ нишон дода, вазоифи роҳрав ва соликро баён карда мақом ва манзалати онро муаррифӣ намуда, сафари малакутиро тавзеҳ додааст. Дар шеър, ки ба Қуръон эмон дорад ва онро китоби илоҳӣ мехонад, дар баррасии масоили ирфонӣ ба ҷои гуфтор ва раҳнамоиҳои Қуръон, ҷустуҷӯи услуб ва равиши дигареро ба кор намегирад. Барои ӯ маҷолиси самоъ тиловати оёти Қуръон аст. Фақат аз тариқи роҳи вусул ба таъоло ва иртиқоти маънавӣ, намоз, рӯза, ҳаҷ, закот, зикри Худо, тиловати Қуръон ва тафаккур дар хилват метавон ба Худо расид ва ба иртиқои маънавӣ ноил шуд. Роҳи толиби Ҳақ ба ҷониби боргоҳи аҳадият расидан ба тақво, тавба, покизагӣ, эҳсон аст. Таваккул, зӯҳд, муроқиба зикр ва муҳаббати Худо ноил шудан ва завқи онро чашидан аст:

[1] Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода), саҳ.18.

*То ки бошад ёди ғайре дар ҳисоб,*
*Зикри мавло бошад аз ту дар ҳисоб.*
*То бувад як зарра аз ҳастӣ ба ҷой,*
*Куфр бошад гар ниҳӣ дар ишқ пой.*
*Гар ҳама олам савоби ту бувад,*
*То ту бошӣ он азоби ту бувад.*
*Гар шавӣ чун хок дар раҳ поймол,*
*То абад ҷонро ба даст орӣ камол.*
*То ту бо хешӣ адад бинӣ ҳама,*
*Чун шавӣ фонӣ аҳад бинӣ ҳама.*[1]

Он чӣ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шеърро ба хуруфоти рамзӣ месарояд ва ин навҳи ҳуруфотро бар кор мебарад, ба асрори илоҳӣ тавъам аст, барои дигарон ва имрӯз ҳам қобили фаҳм нест. Асрорро, ки ӯ бо лафзи ирфонӣ баён кардааст, ҳарфи ин каломро возеҳтар дар «Тавҳиди ирфонӣ» гуфтааст. Ӯ интиҳои ҳарфҳоро дар дил дошта бо Қуръон тасодум мекард. Ҷараёни баёни ин ҳарфҳоро бо лафзи сареҳ нидо карда услуби ирфониро ба кор бурдааст ва бо истеъдод матолиби хешро бо Қуръон гуфтааст:

*Сирри ишқ аз сирри забон дур аст,*
*Шарҳи ин оят аз баён дур аст.*
*Ҳар касе ки расад ба авҷи камол,*
*Толиби ном аз ин нишон дур аст.*[2]

Дар «Ҳафт водӣ» Мирсайид Алии Ҳамадонӣ бо таъкид гуфта аст, ки Худои раҳим, ки динро барои танзими зиндагии инсон ҳидоят кардааст, ба маънои возеҳ, бо забони мардум хуб андешидан ва дуруст фаҳмидан аст. Барои он ки дин барои ҳама қобили дастрас бошад, ӯ дарки алифбои он кардааст, ки ба ғами мардум ва фаҳми мардум маънии ҷадид дорад.

Ҳадафи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ таблиғ ва тарвиҷи

---

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. «Даҳ қоидаи суфия». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуввум, саҳ.82-83.
[2] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. «Машориб-ул-азвоқ». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди дуввум, саҳ. 150.

содда ва фаҳми Қуръон буд. Мутафаккири фозил дар интихобу интишор ва баррасии мавҷудоти гуногуни ҷабҳаҳои масоили ирфонӣ кӯшиш ба харҷ додаст, ки китоби Қуръонро мавриди истифода қарор диҳад:

*Дар ишқи рӯи ӯ ту ҳудусу қидам мабин,*
*Гар солики раҳӣ ту, вуҷуди адам мабин.*
*Аз партави ҷамоли ҳақиқӣ бисӯз пок,*
*Гум гард дар фанову дигар бешу кам мабин.*
*Мардона бигзар аз адаму аз абад тамом,*
*Сирри азал бинеҳу ту лавҳи қалам мабин.*
*Ҳар ҳусн як рақам зи китоби замони ӯст,*
*Дар дафтари ҷамол ту гум шав, рақам мабин…*[1]

Ин ғазал фақат як таҷаллии Ҳақ аст, ки дар ҳусн аз ҷамоли ҳусни ӯст. Ин ишқест, ишқи илоҳӣ, ки амонати Ҳақ ҳамон аст, чизест, ки мояи имтиёзи инсон аст. Ба ҳар ҳол дар шеъри манзуми ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мабодӣ ва усули шинохти Қуръон ҷолиб зикр ёфтааст:

*Парри маҷрӯҳони ҳаҷрат неки нӯшу ҳам шифо,*
*Ташнагони наслро ҳар оташе чун сад зулол.*
*Куштагони теғи ишқат зиндагони ҷовидон.*
*Сайди шоҳини ғамат шоҳини мулки безавол.*
*Боданӯшони ғамат Довуду Маъруфу Ҷунайд,*
*Ҷонфурӯшони ғамат Нӯъмону Салмону Билол…*[2]

Ба ин шеър, ки дар нашру тарвиҷи тавҳиду тартил ва таҷвид нақши қобил дорад, Мирсайид Алии Ҳамадонӣ шеваи шеъри ирфониро илҳом додаст. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки ашъори ирфонии Аттору Мавлавӣ ва Саноиро паси пушт дошт, дар «Ҳафт водӣ» онро такмил дод. Маснавии «Ҳафт водӣ» луғзи гунаест омехта ба рамзҳои ирфонӣ дар баёни аҳволи рӯҳ ва

[1] Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, саҳ.14.
[2] Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода), саҳ.15.

сайри он дар маротиби носут, ки урӯҷи он ба марҳилаи олами малакут, сайри ориф дар мақоми бақо ва фаност:

*Охир аз хоби амал бедор шав,*
*Як дам, эй масти ҳаво, ҳушёр шав.*
*Пас дар ин водӣ фурӯ шав мардвор,*
*То бубинӣ раҳравонро сад ҳазор.*
*Сар ба сар саргаштагон дар роҳи ӯ,*
*Ту чунин озод аз даргоҳи ӯ…*
*Ҳар ки ӯ дар кори худ комил бувад,*
*Оқибат мақсуди ӯ ҳосил бувад.*[1]

Дар маснавӣ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар марҳили малакут ба сайри рӯҳонӣ мепардозад ва авомилу аҳволи мухталифро дар бораи зулматҳое, ки маҳдудиятҳои марбут ба ҷисми вайро ба дом маҳкум медорад, дар тайи ин сайри хеш кашфу баррасӣ мекунад. Дар шеъри ирфонии «Ҳафт водӣ» сафари рӯҳонӣ аз қаламрави нафси номия оғоз мешавад ва дар ҳоли суд ба қаламрави нафси оқила мерасад, ки дар он ҷо мусофир дар вуҷуди як пири рӯҳонӣ ва роҳбари хеш бозмеёбад:

*…Гар набинишинӣ ба танҳоӣ басе,*
*Роҳ натвонӣ буридан бо касе.*
*Пир бояд роҳро, танҳо марав,*
*Аз сари ашё дар ин дарё марав.*
*Гар ту бе раҳрав фуруд ойӣ ба роҳ,*
*Гар ҳама шерӣ, фуруд афтӣ ба чоҳ.*
*Гар ту кӯҳӣ, нест пире ошкор,*
*Ту талаб кун раҳ ҳазор андар ҳазор.*
*З-он ки гар пире намонад дар ҷаҳон,*
*Не замин бар ҷой монад, не замон.*
*Кай ҷаҳон бе қутб бошад бо мадор?*
*Осиё аз қутб бошад барқарор.*
*Гар намонад дар замин қутби ҷаҳон,*
*Кай тавонад гашт бе қутб осмон?*

---

[1] Ҳамон ҷо, саҳ.32.

*Пир ҳам ҳаст ин замон пинҳон шуда,*
*Нанги халқон дида дар халқон шуда…*
*Гар туро дардест пир ояд падид,*
*Қуфли дардатро калид ояд падид…*[1]

Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар забони рамз сафари рӯҳонии инсонро аз олами касрат ба олами ваҳдат тасвир мекунад, рамз дар каломи ӯ равшан ва мафҳум аст, бештар ба мардуми соддаву орӣ, ба фузалои аҳли мадраса ва ҳам хонакоҳ иртибот дорад. Яъне, шеъри ирфонӣ дар назди Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба каломи воқеӣ расид, дар калом сӯзу шӯри тозае ба даст овард. Шеъри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҳам аз лиҳози қолибҳои ғиноӣ – ғазалу рубоӣ ва маснавӣ низ дар баёни ҳикмати ирфонӣ баҳра ёфт. Чунончӣ ин абёти ӯ дар айни иштимол бар маъонии ғаноӣ танаввуъуии ӯро дар тарзи баёни ирфон дар сафари руҳонӣ низ нишон медиҳад:

*Ҳар кӣ дорад оҳи дарди майли роҳ,*
*Рӯи ӯ бар ҳоли ӯ бошад гувоҳ.*
*Бар ҷабинаш бошад аз шоҳӣ нишон,*
*Ҳар кӣ бошад ошноӣ подшоҳ.*
*Он кӣ чашмаш нури илаллоҳ диҳад,*
*Тобад аз рухсори ӯ нури илоҳ.*
*Дидаи асрорбин хоҳӣ зи дӯст,*
*Дард хоҳу, дард хоҳу, дард хоҳ.*
*Равшанӣ хоҳӣ, чу шамъе дил бисӯз,*
*Ҷонфизоӣ боядат, танро бикоҳ.*
*Кори мардон аст, ҷон дарбохтан,*
*Раҳ наёбад, ҳар касе ин ҷойгоҳ.*
*Гар надорӣ пой дар раҳ, эй салим,*
*Даст зан дар домани мардони роҳ.*[2]

Дар ҳақиқат ба василаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ

---

[1] Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода), саҳ.30.
[2] Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода), саҳ.22-23.

шеъри ирфонӣ аз дунёи маҳдуди адабиёти аҳли дарбор ва аҳли мадраса берун омад, дар фарохнои зиндагии омма, аҳому эҳсосоти мардум қадам ниҳод. Дар ҳақиқат шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ буд, ки миёни табақоти поёнии ҷомеа анҷоми вазоифи илоҳӣ ва инсонӣ завқ ёфт.

Ишқи холиси илоҳӣ дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ чунон ошкоро ҷилва дорад, ки онро бо ҳеҷ ишқи башарӣ наметавон иштибоҳ кард:

*...Ишқи ҷонон оташ асту ақл дуд,*
*Ишқ омад даргурезу ақл зуд.*
*Ақл дар савдои ишқ устод нест,*
*Ишқ кори ақли модарзод нест.*[1]

«Ишқ ҷонон асту ақл дуд» маншаи илҳоми Мирсайид Алии Ҳамадониро дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно метавон ёфт. «Оташ парер гуфт ниҳоӣ ба гӯши дуд». Дар воқеъ, шеваи шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар тайи матолиб ва андешаҳо аз Қуръон, ҳадис ва китобҳои адаб оварда шудааст, ки ҳосили тамоми ашъори ирфонии гузашта аст.

Дар тариқи ин маъонӣ шеваи шеърии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ тамсил аст, яъне овардани мисолҳое, ки маъниву мурод ва анвои ирфонро равшан мекунад. Дар ин шева ҳам тамсил гоҳ ба василаи нақли қисса аст, гоҳ аз тариқи суолу ҷавоб, гоҳ аз тамассук ба оёти қуръонӣ ҳосил мешавад:

*Хоҷаи дунёю дин ганҷи вафо,*
*Садру бадри ҳар ду олам Мустафо.*
*Офтоби шаръу дарёи яқин,*
*Нури олам раҳматул-лил-оламин.*
*Ҷони покон хоки ҷони поки ӯ,*
*Ҷон раҳокун офариниш хоки ӯ.*
*Хоҷаи кавнайн султони ҳама,*

---

[1] Ниг. Каримҷон Қодиров. Бунёдгари маорифи суфиёнаи Хатлонзамин. – Кӯлоб, нашриёти «Сада», соли 1995 м., саҳ.13.

*Офтоби ҷону имони ҳама.*
*Ҳар дуо лам бастаи фитроки ӯ,*
*Аршу курсӣ қибла карда хоки ӯ.*
*Пешвои ин ҷаҳону он ҷаҳон,*
*Муқтадои ошкорову ниҳон.*
*Меҳтарину беҳтарини анбиё,*
*Раҳнамои асфиёву авлиё.*
*Сайиде, к-аз ҳар чи гӯям беш буд,*
*Дар ҳама чиз дар ҳама дар пеш буд.*
*Ҳамчу шабнам омада аз баҳри ҷуд,*
*Ҳар ду олам аз латифаш дар вуҷуд.*
*Ҳар ду олам дар вуҷудаш ном ёфт,*
*Арш низ аз номи ӯ ором ёфт.*
*Эй замину осмон хоки дарат,*
*Аршу курсӣ хушачини хирманат.*
*Дар забонам ҷуз санои ту мабод,*
*Нақди ҷонам ҷуз дуои ту мабод.*
*З-уммати хешам шумор гар як сухун,*
*Менамоям, ҳар чи хоҳӣ он бикун.*
*То ки ҷон дорем мо, то зиндаем,*
*Бандагонатро ба сад ҷон зиндаем.*
*Бар дар ту камбизоат омадем,*
*Ба уммеди як шафоат омадем.*
*Ҳаст дарёи шафоат пеши ту,*
*Омадам бо каҷтоат пеши ту.*
*То зи дарёи шафоат як даме,*
*Бар лаби хушкам чашонӣ шабнаме.*[1]

Дар баъзе маврид шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ тамсил ба тариқи ташбеҳу тасвире сурат мегирад ва дар пораи авқот ба тариқи киноя. Албатта, дар тамоми ин аҳвол ҳам тамсил шеваи баёнест, ки эҳсосу андешаи гӯяндаро ба мардум наздик мекунад ва маъниро, ки душвориҳое дорад, дилкашу ҷаззоб менамояд:

---

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. «Муноҷоте дар ҳаққи Муҳаммади Мустафо салаллоҳи алайҳи ва олиҳи вассалам». Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.111-112.

*…Хоҷаи кавнайн, султони ҳама,*
*Офтоби ҷону имони ҳама.*
*Ҳар ду олам бастаи фитроки ӯ,*
*Аршу курсӣ қибла карда хоки ӯ.*
*Пешвои ин ҷаҳону он ҷаҳон,*
*Муқтадои ошкорову ниҳон.*
*Меҳтарину беҳтарини анбиё,*
*Раҳнамои асфиёву авлиё…*[1]

Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ рӯҳи ориф ва солики ростинро таҷассум медиҳад, дар саросари ӯ рамзу тасвир нақши бориз дорад ва ҳама ҷо ғолибан аз тариқи тамассук ба рамзу тамсил амри махсус дармеовезад ва амри оддӣ ба амри фоиқ мутаолӣ табдил мегардад. Дар рубоию ғазал ва маснавии ирфонии ӯ масоили марбути аҳли назар, мисли Худо, олам ва ахлоқ баён ёфтааст. Минҷумла дар маснавии «Ҳафт водӣ», ки як навъ сафарномаи рӯҳонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст, моҷарои ахволи ӯро дар бархӯрд бо шеъри ирфонӣ баён мекунад:

*Ё раб, зи карам бар манӣ дарвеш нигар,*
*Бар ҳоли мани хастаи дилреш нигар.*
*Ҳарчанд наям лоиқи бахшоишу ту,*
*Бар ман манигар, бар карами хеш нигар.*[2]

Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ равобит ва вазоифи инсонро ба худаш ва бо ҷаҳон бо Худо баён мекунад ва тавзеҳ медиҳад, яъне илми амал аст бо рамзу тамсил баён мешавад. Ин тариқи баёни шеър, ирфони амалӣ «сайр» ва «сулук» номида мешавад. Шеъри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба аносири ирфонӣ ва зиндагии Паёмбар сармашқ ва намунаи камоли матлуби ҳаёти мубтанӣ бар зуҳду ирфон воқеъ аст.

---

[1] Ниг. Каримҷон Қодиров. Бунёдгари маорифи суфиёнаи Хатлонзамин, саҳ.14.
[2] Рубоиёт ва қитъаот. Насиҳатномаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ (Муҳаррири масъул ва муаллифи сарсухан Раҷаб Асозода), саҳ.27.

Таъзиму тақрими фавқулоддаи ӯ дар ҳаққи Паёмбар нишонаи ӯро ҳамчун «Инсони комил» тасвир кардан аст. Инсон аз нигоҳи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ намунаи комили ҷаҳони офариниш ва назирандаи олами ҳастӣ аст. Ӯ дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ба фоилу мафъул, назиру манзур, баҳру бар, ҷисму ҷавҳар ва ғайра тасвир шуда, чун инсони сағир тамоми ҷаҳони кабирро дар бар мегирад. Аз ин ҷост, ки гуфтаанд:

*Ту ҳам рӯҳию ҳам зулмат, ту ҳам феълию ҳам иллат,*
*Ту ҳам ақлию ҳам сурат, ту ҳам ҷонию ҳам ҷонон.*
*Ту мақбулу ҳам қобил, ту ҳам мафъулу ҳам фоил,*
*Тӯи масъулу ҳам соил, тӯӣ ҳам ҷавҳару ҷавлон.*
*Тӯи ҳам баҳру ҳам гавҳар, тӯӣ ҳам ҷисму ҳам ҷавҳар,*
*Тӯӣ ҳам шаҳду ҳам шаккар, тӯӣ ҳам маъдану ҳам кон…*[1]

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар шеър бо тахаллуси Алоӣ маълум ва машҳур аст. Шеъри ирфонии Алоӣ лафзи латиф ва маънии баланд дорад. Маҷмӯаи мухтасари ӯ бо номи «Чиҳил асрор» интишор ёфтааст, ки аз чиҳилу як ғазал ва рубоиёт иборат аст. Инак, намунае аз ин ашъор:

*Он ки аз сояи лутфи ту нишоне ёбад,*
*Ҳар кӣ бинад, рухи ту пора равоне ёбад.*
*В-он ки бар хоки сари кӯи ту манзил созад,*
*Айши садсола дар ин роҳ замоне ёбад.*
*Ташнаи васли ту чун роҳи хаёлат сипарад.*
*Нузули ҳар нафасе мулки ҷаҳоне ёбад.*
*Лаззати дарди ту ҳар мурдадиле кай донад,*
*Давлат он ёфт, ки аз дарди ту ҷоне ёбад.*
*Ҳар ки дар мулки ғамат нест, надорад айше,*
*Эй хуш он дил, ки дар ин кӯй макone ёбад.*
*Дил гумон бурд, ки бӯе зи ғамат ёфтааст,*
*Ин на ганҷест, ки ҳар кас ба гумоне ёбад.*

---

1 Ниг. Каримҷон Қодиров. Бунёдгари маорифи суфиёнаи Хатлонзамин, саҳ.7.

*Васфи сӯзи шаби ҳаҷри ту касеро шояд,*
*Ки бар ҳар мӯе аз он шева зебоне ёбад.*
*Гар кунӣ бар дили пурдарди Алоӣ назаре,*
*Аз ҷафоҳои фалак як раҳ амоне ёбад..*[1]

Шеъри ирфонӣ, порае аз асари манзуми Мирсайид Алии Ҳамадонӣ мебошад, ки ҳатто аз лиҳози хаёлангезӣ ва шӯрофаринӣ арзиши зиёд дорад, ба хотири он ки мабодӣ ва усули ирфонӣ дар тайи баёни ҷолиб ва ғолибон равшан зикр шуда, дар маҷмӯи адабиёти ирфонӣ сабаби ривоҷу интишори фавқулоддаи ин мавзӯи таълими ирфонӣ гардидааст. Шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар нашру тарвиҷи ирфон ва ҳатто дар тарбияи мустақими назарӣ ва ирфони амалӣ нақши қобили мулоҳиза дорад.

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар воқеъ, пешрави шеъри ирфонӣ аст, зеро шеъри ӯ шеваи таълимии ирфонии Аттору Мавлавиро илҳом дод, ҳам Саноӣ ва дигаронро дар хатти шевае, ки худи онҳо онро «таҳқиқ» мекарданд, андохт. Баррасии ашъори ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки ҳадафи аслии он нашру эҳёи ин навъи шеър аст, беш аз ҳама дар маснавии «Ҳафт водӣ» такомул ёфтааст.

---

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.45.

# ИШҚИ ИРФОНӢ

Дар адабиёти ирфонӣ ҳуруф ва рамзҳои мухталиф ишора гардидаанд, ки ишқи ирфониро маънӣ медиҳанд. Ҳоқонӣ дар ишора ба «Мантиқ ут-тайр»-и Аттор ва «Лисон ут-тайр»-и Навоӣ қасидае бо унвони «Мантиқ ут-тайр» дорад, ки дар он омадааст:

*Зад нафси сар ба муҳр субҳи муллаъниқоб,*
*Хаймаи рӯҳониён кард муанбар таноб.*[1]

Дар ин қасида мурғон бар сари гуле ё сабзае, ки дӯст медоранд, мунозира мекунанд. Мурғи анқо дар ин мунозира, ки доварӣ дорад, мегӯяд, ҳама гулҳо хӯранд ва аз ҷӯи ашру шароб сероб шуданд, аммо гули сурх ё гули Муҳаммадӣ, аз ҳама беҳтар аст, зеро гули мустафост ва гулҳои дигар хоку об аст. Дар «Маснавии маънавӣ»-и Мавлоно Ҷалолиддини Румӣ дар достонҳои худ рамзҳои фаровоне овардааст, ки намунаи ишқи ирфонианд. Шайхи Ишроқ дар «Рисолата фи ҳақиқата ал-ишқ» мегӯяд: «Муҳаббат чун ба ғоят расад, онро ишқ хонанд… ишқро аз ашақа гирифтаанд ва ашақа, ин гиёҳе аст, ки дар боғ падид ояд дар ин дарахт, аввал печ дар замин сахт кунад, пас сар барорад ва худро бар дарахт печад ва ҳамчунон меравад то ҷумлаи дарахтро бигирад ва чунонаш дар шиканҷа кунад, ки нам дар миёни раги дарахт намонад ва ҳар ғизое, ки воситаи обу ҳаво ба дарахт мерасад ба тороҷ мебарад то он гоҳ, ки дарахт хушк шавад…»[2] Дар ирфон ишқ ашақа аст ва ашақа гиёҳест, ки ба дарахт печида, ӯро хушк мекунад. Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар шарҳи қасидаи «Маймйя» Ибни Форизи навиштааст, ки ишқ аз ашақа

---

[1] Ниг. Муқаддимае бар манобии ирфон ва тасаввуф (таълифи доктор Сайид Зиёвуддин Саҷҷодӣ), саҳ.286.
[2] Ниг. Муқаддимае бар манобии ирфон ва тасаввуф (таълифи доктор Сайид Зиёвуддин Саҷҷодӣ), саҳ.291.

аст ва гиёҳе аст, ки ба дарахт печида ва дарахтро зард ва хушк мекунад. Ҳамчунин ишқ, дарахти вуҷуди ошиқро дар таҷаллии маъшуқа маҳв мекунад.

Дар шеъри ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ бештар мафҳуми «муҳаббат» истифода меёбад, зеро муҳаббат яке аз мақомоти даҳгонаи ирфонӣ аст. Ишқ дар тамоми осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар ҷиҳатҳои тамом ва ба сурати зоҳир таъбир мешавад. Чашму хол ва зулфу рухсор ҳама сурати табиӣ доранд:

*Бар ҷони мустамандон ҷоне зи ғам ниҳоданд,*
*К-аз сӯзи он ду олам дар ҳайрат уфтоданд.*
*Чун бар дари ҷалолаш олам ҷаве наарзад,*
*Бар ҳар гадое муфлис ин дар чаро кушоданд?*
*Бӯе зи лутфи он моҳ бигзашт бар ду олам,*
*Зарроти кавн аз он бӯ масти ман видоданд.*
*Чандин ҳазорт бедил бар бӯи он саодат,*
*Дилҳо нисор карданд, ҷонҳо ба бод доданд.*
*Мастони ҳазраташро оромгоҳ бало шуд,*
*Бо сад ҳазор меҳнат бо ёди дӯст шоданд.*
*Қавме, ки пай набурданд бӯе зи хоки он дар,*
*Дар роҳи кашфу таҳқиқ онҳо кам аз ҷамоданд.*
*Чун дида он надоранд, то рӯи дӯст бинанд,*
*Аз модари табиат гӯё магар назоданд.*
*Саргаштагони роҳаш тбар нафс агар саворанд,*
*Ҳаргиз инони ҳиммат ба дасти ӯ натоданд.*
*Шӯридагони ишқаш бар чорсӯи ғайрат,*
*Пайваста чун Алоӣ бо хеш дар ҷиҳоданд.*[1]

Ишқ дар ирфон дар осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ унвони хос дорад, гавҳари маънӣ аст ва лутфу камол меёбад. Аз ин нукта осори ирфонии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ ҷилвадиҳандаи маънии ишқи ирфонӣ аст. Чунончӣ ӯ дар ғазали «Гавҳари маънӣ» мегӯяд:

*Дилеро, к-аз ғами ишқаш сари мӯе хабар бошад,*
*Зи ташрифи балои дӯст бар вай сад асар бошад.*

---

[1] Маҷаллаи «Дарё», - Душанбе, соли 1994 м., шумораи 2, саҳ.26.

*Касе чун ғамзаи масташ зи зулфи ӯ парешон шуд,*
*Зи ному нангу куфру дин ба куллӣ бохабар бошад.*
*Буте гар нозуке табъаш малул аст аз гули сурӣ,*
*Миёни оташи ҷонам давомаш чун мақар бошад.*
*Ту дар гулхан тамаъ дорӣ, ки шоҳат ҳамнишин гардад,*
*Куҷо ин фарри султонро бад-ин гулхан гузар бошад.*
*Гадоеро, ки бо султони беҳамто бувад савдо,*
*Дилаш пайваста решу айш талху дида тар бошад.*
*Кай аз пайнамудани офоқ ин давлат шавад ҳосил,*
*Касеро зебад ин маънӣ, к-аш андар худ сафар бошад.*
*Саломатҷӯй маҳруме зи завқи мансаби шоҳӣ,*
*Сарири мулк он бояд, ки азмаш пурхатар бошад.*
*Касе аз сирри ин маънӣ бигуфту к-ӯ нашуд огаҳ,*
*Ки аз пайнамудани дарё табаҳҳур бештар бошад.*
*Алӣ, гавҳар касе ёбад, ки ӯ сар қадам созад,*
*Кай уфтад гавҳари маънӣ туро то қадри сар бошад.*[1]

Ишроқ ва ишқ комилан бо ҳам омехта аст ва Мирсайид Алии Ҳамадонӣ саросар аз ишқ сухан мегӯяд ва ҳамвора онҳоро ҷилавгирӣ мекунад. Дар баёни ишқ Мирсайид Алии Ҳамадонӣ чанд ҳикматҳои файласуфона низ овардааст. Ишқи ирфонӣ ва илоҳӣ бо ақл рӯ ба рӯ аст, бо ӯ гуфтугӯ ва мунозира мекунад. Дар ин мунозира ва мубоҳиса ҳамеша ишқ пирӯз аст ва ҳатто ақлро шикаст медиҳад. Мунозирот ва гуфтугӯҳои ақл ва ишқ мавзуоти шеърии Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст. Ба ҳар ҳол, дар ғазали «Мулки ғам» ишқ сабаби шинохти Худо аст:

*Он ки аз сояи лутфи ту нишоне ёбад,*
*Ҳар ки бинад рухи ту, пора равоне ёбад.*
*В-он ки бар хоки сари кӯи ту манзил созад,*
*Айши садсола ба он хок замоне ёбад,*
*Ташнаи васли ту чун роҳи хиёлат сипарад,*
*Нузули ҳар нафасе мулки ҷаҳоне ёбад.*
*Лаззати дарди ту ҳар мурдадиле кай донад,*

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.46.

*Давлат он ёфт, ки аз дарди ту ҷоне ёбад.*
*Ҳар ки дар мулки ғамат нест, надорад айше,*
*Эй хуш он дил, ки дар ин кӯй маконе ёбад.*
*Дил гумон бурд, ки бӯе зи ғамат ёфтааст.*
*Ин на ганҷест, ки ҳар кас ба гумоне ёбад.*
*Васфи сӯзи шаби ҳаҷри ту касеро шояд,*
*Ки ба ҳар мӯй аз ин шева забоне ёбад.*
*Гар кунӣ бар дили пурдарди Алоӣ назаре,*
*Аз ҷафоҳои фалак як раҳ амоне ёбад.*[1]

Мирсайид Алии Ҳамадонӣ муҳаббатро чун ишқ медонад, ишқ хостар аз муҳаббат аст, зеро ки ҳама ишқ муҳаббат аст. Аммо ҳама муҳаббат ишқ нест ва муҳаббат хостар аз маърифат аст. Аз маърифат ду чизи мутақобила тавлид меёбад, ки онро муҳаббат ва адоват меноманд, зеро маърифат ба чизе арзи ҳастӣ дорад.

Бешак, осори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дурахшонтарин ва ҷовидонтарин адабиёти ирфонӣ аст. Осори мансур ва манзуми орифонаи маъруфи ӯ дар маорифи исломӣ, аҳкоми исломӣ ва шаръӣ, тавҳиду Худошиносӣ ва маротиби имону ихлос баён шудааст. Мӯҳтавои ин осор аз тамсилот баҳри натиҷагириҳои лозим дар ахлоқу маърифату тавҳиданд. Ахлоқи мубтанӣ ба дин ва мазҳаб, адобу русум, дастурҳои ахлоқӣ, сирати Паёмбари акрам (с) ва пешвоён ибтидои назари орифонаи Мирсайид Алии Ҳамадонӣ аст. Фарҳанги омма ва қиссаҳои омиёна, авзо ва аҳволи иҷтимоӣ, тарзи зиндагӣ ва муоширет, арзи мардум ҷиҳати орифона ибрози муфид гардидаанд. Маншаи аслии ирфони Мирсайид Алии Ҳамадонӣ худшиносӣ ва тазкияи нафс, таваҷҷӯҳ ба ахлоқ ва сифати шахсӣ, дарки ҳақоиқ бо биниши орифона, маънии баланди илму ишқ ба Ҳақ ва ҳақиқат аст. Мадҳу ситоиши Худованд ва Паёмбари акрам (с) ва бузургони дин ба ҷои мадҳ ва ситоиши шоҳон ва амирон баён шудаанд.

Дар асри Мирсайид Алии Ҳамадонӣ баёни назар ва

[1] Мирсайид Алии Ҳамадонӣ. Шоҳи Ҳамадон. Ғазалиёт. Осори мунтахаб иборат аз чаҳор ҷилд. Ҷилди якум, саҳ.45.

амали ирфонӣ дар авҷи камол буд. Баъди Саноию Аттор ва Мавлавӣ афгори Мирсайид Алии Ҳамадонӣ дар анвоҳи ирфон эҷод гардидидааст, ки қолабҳо ва анвоҳи мухталиф дорад. Маснавии «Ҳафт водӣ»-и Мирсайид Алии Ҳамадонӣ, ки дар заминаи маърифат нақл гардидааст, нашри саддою равон дорад ва латофату ҷазобати ӯ ҳусни фаровон аст. Аз ин рисола маърифати табақоти мухталифи иҷтимоӣ ва шинохти тарзи зиндагӣ ҳосил мешавад. Ин китоби форсии орифона аввал ва дар ниҳоят зебо ва расо буда, ҳусни таъсир ва таҳаввулоти комил дорад. Аз нуқтаи луғати ирфонӣ фаровон аст ва баъд истилоҳоти махсусро дорост.

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*

Ба матбаа 06.05.2011 супорида шуд.
Чопаш 13.05.2011 ба имзо расид.
Андоза 60x84 1/16. Ҷузъи чопӣ 2,0.
Адади нашр 500 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а